# ФАРМОИШИ
# РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «05» 02 соли 2026 № 65/бд ш. Душанбе

Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсияи
Зоирова Нурия Подабоновна

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 108 ва 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Диссертатсияи Зоирова Нурия Подабоновна дар мавзуи «Самаранокии 1-хлорметилсилатран дар муолиҷаи маҷмуии алопетсияи лонаӣ (таҳқиқоти таҷрибавӣ ва клиникӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.10- Бемориҳои пӯст ва зӯҳравӣ бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-008 назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино бекор карда шавад.

2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Зоирова Н.П. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.10- Бемориҳои пӯст ва зӯҳравӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.

3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Зарина Шоҳмуродзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб ҷойгир намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад

Асос: аризаи довталаб Зоирова Н.П. аз 30 январи соли 2026 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ.

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ